O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995-yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

3-2024

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

Oʻzbekistonda nomoddiy madaniy meros muhofazasi ........................................................ 332
**U.N.Olimov**
Arab tarixshunosligida XIX asr oxirida Markaziy Osiyodagi siyosiy jarayonlar va Rossiya imperiyasi bosqinining oʼrganilishi ........................................................ 336
**M.Q.Tolibboyev**
Oʻzbekiston hududida mahallaga xos ilk belgilarning paydo boʻlishi va boshqaruv anʼanalariga doir mulohazalar ........................................................ 340
**X.S.Jumanazarov**
Xalq tabobatida davolash usullarining mintaqaviy xususiyatlari ........................................................ 346
**Sh.N.Joʻrayev**
Sulton Husayn Boyqaro davrida diniy ulamolarning oʻrni ........................................................ 351
**O.M.Normatov**
Oʻzbekistonda oʻtkazilgan rayonlashtirish natijalari ........................................................ 356
**D.Gʻ.Mirzayev**
"Turkiston viloyatining gazetasi" da Qoʻqon xonligining bosib olinishiga oid maʼlumotlar tahlili ........................................................ 361
**A.O.Toirov**
Anushteginiylar sulolasi davrida ijtimoiy hayot ........................................................ 369
**P.A.Nabiyev**
"Fargʻona vodiysi tojiklarining farzand tugʻilishi va toʻy marosimlari bilan bogʻliq boʻlgan urf-odat va anʼanalari (Qorategin tojiklari misolida)" ........................................................ 373
**A.A.Mamadjanov**
Muhammad Vafo Karmanagiy – Buxoro amirligi tarixchilik maktabining ilk vakili ........................................................ 378
**Р.А.Арслонзода**
Тасвири макотиб ва мадориси аморати бухоро дар "Ёддоштҳо"-и Садриддин Айнӣ ....... 382

ADABIYOTSHUNOSLIK

**A.A.Kasimov, Sh.Gʻ.Akbarova**
Badiiy retsepsiyaning nazariy asoslariga doir ........................................................ 389
**Z.J.Pardayeva**
Dostoevskiy, Baxtin, Polifonik roman ........................................................ 393
**H.Joʻrayev**
Totem tushunchalarning ijtimoiy tafakkur tarixidagi oʻrni ........................................................ 401
**K.A.Jamahmatov**
Adabiy manbalarda Arshiy Termiziyning hayoti va ijodiy faoliyatining tadqiqi ........................................................ 404
**X.Joʻrayev, M.Ismoilova**
Ijtimoiy tafakkurning majoziy ifodasi ........................................................ 410
**I.I.Rustamova**
Dramada sahnada koʻrinmaydigan qahramon va uning badiiy talqini ........................................................ 413
**M.A.Joʻrayeva**
Jadid adabiyotida safarnoma janri va uning taraqqiyoti ........................................................ 417
**M.Islomova**
Taqlid va Tasvir ........................................................ 421
**D.Gʻ.Gafurova, A.A.Qayumov**
Isajon Sulton hikoyalarida shamol timsoli ........................................................ 424
**Х.Т.Мирзаев**
Талқини рукнҳои арӯзӣ дар рисолаи "Меъроҷ-ул-арӯз"-и Муҳаммад Ғиёсиддин .............. 428
**N.Q.Boʻriyeva**
J.R.R.Tolkinning "Uzuklar hukmdori" asarida yaxshilik kontsepti ........................................................ 433
**M.Sh.Dehqonova**
Mustaqillik davri dramaturgiyasi va adabiy tanqid ........................................................ 440
**G.A.Mashrapova**
Ertak syujet tiplarida qidiruvga qarshi safar (antiqidiruv) motivi turlari ........................................................ 445
**Q.V.Yoʻlchiyev**
Abdulla Sherning "Ikki ayol haqida qoʻshiq" sheʼri tahlili ........................................................ 449
**B.N.Isakova**
Adabiyotda badiiy va mushtarak tarjimaning ahamiyati ........................................................ 456

FarDU. Ilmiy xabarlar – Scientific journal of the Fergana State University

Volume 30 Issue 3, 2024-yil DOI: 10.56292/SJFSU/vol30_iss3/a87

UӮK:891.709

# ТАЛҚИНИ РУКНҲОИ АРӮЗӢ ДАР РИСОЛАИ “МЕЪРОҶ-УЛ-АРӮЗ”-И МУҲАММАД ҒИЁСИДДИН

# MUHAMMAD G'IYOSIDDINNING “ME’ROJ UL-ARUZ” RISOLASIDA ARUZ RUKNLARI TALQINI

# ТОЛКОВАНИЕ КОЛОНОК АРУЗ В ТРАКТАТЕ МУХАММЕДА ГИЯСИДДИНА” МЕРОДЖ УЛЬ-АРУЗ"

# INTERPRETATION OF THE ARUZ COLUMNS IN THE TREATISE OF MUHAMMAD GHIYASIDDIN” MEROJ UL-ARUZ"

**Мирзаев Хайём Тошқулович**
Дотсенти донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, доктори фалсафа оид ба фанҳои филология (PhD)

***Аннотатсия***

*Дар мақолаи мазкур роҳ ва усули талқини рукн дар асоси рисолаи “Меъроҷ-ул-арӯз”-и Муҳаммад Ғиёсиддин нишон дода шудааст. Мақсад аз ин тадқиқот хизматҳои арӯзшиносро барои таълими масъалаҳои гуногуни назарии илми арӯз, аз ҷумла, рукн муайян намудан аст. Барои равшан намудани саҳми Муҳаммад Ғиёсиддин дар роҳи талқину таълими рукн бо асарҳои арӯзшиносони давраи қадими форсу тоҷик муқоисаҳо ба амал омад. Тавассути корбурди методи муқоиса равшан гардид, ки муаллиф роҳ ва усули соддатарини таълими рукнро дар асари худ интихоб намуда будааст.*

***Annotatsiya***

*Mazkur maqolada rukn talqinining yo‘l va usullarini Muhammad G‘iyosiddinning “Me’roj ul-aruz” risolasi asosida ko‘rsatilgan. Tadqiqotning asosiy maqsadi aruz ilmi nazariyasiga xos turli masalalar, jumladan, rukn masalasi ta’limida aruzshunos xizmatlarini aniqlashdan iborat. Rukn talqini va ta'limi yo‘lida Muhammad G‘iyosiddin o‘rnini aniqlash uchun qadimgi davr fors-tojik aruzshunoslari asarlari bilan muqoyasalar amalga oshirildi. Muqoyasa myetodini qo‘llash asnosida aniqlandiki, muallif o‘z asarida rukn ta'limining oson va sodda usulini tanlagan ekan.*

***Аннотация***

*В этой статье описаны пути и методы интерпретации колонки на основе трактата Мухаммада гиясиддина “Мeродж уль-АРУЗ”. Основная цель исследования состоит в выявлении заслуг аруза в изучении различных вопросов, присущих теории науки аруза, в том числе вопроса о колонке. Чтобы определить место Мухаммеда гиясиддина на пути толкования и образования колонны, были проведены сравнения с трудами персидско-таджикских арузистов древности. На основе применения метода конспекта было установлено, что автор избрал в своей работе легкий и простой метод обучения колонке.*

***Abstract***

*This article describes the ways and methods of interpreting the column based on Muhammad Ghiyasiddin's treatise "Meroj ul-Aruz". The main purpose of the study is to identify the merits of Aruz in the study of various issues inherent in Aruz's theory of science, including the question of the column. In order to determine the place of Muhammad Giyasiddin on the path of interpretation and formation of the column, comparisons were made with the works of the Persian-Tajik Aruzists of antiquity. Based on the application of the synopsis method, it was found that the author chose an easy and simple method of teaching the column in his work.*

***Калидвожаҳо:*** *шеър, поэтика, арӯзшиносӣ, рукн, баҳр, истилоҳ, усул, арӯзшиносии давр, арӯзи форсу тоҷик.*

***Kalit so‘zlar:*** *she’r, poetika, aruzshunoslik, rukn, bahr, istiloh, usul, davr aruzshunosligi, fors-tojik aruzi.*

***Ключевые слова****: поэзия, поэтика, арузоведение, рукн, бахр, термин, метод, период арузоведов, персидско-таджикский аруз.*

***Key words:*** *key terms include poetry, poetics, dream science, column, sea, istilah, technique, period dream science, Persian-Tajik aruz.*

## МУҚАДДИМА

Дар асрҳои XVIII-XIX диёри ҳинд яке аз гӯшаҳои муҳими дунё буд, ки дар он ҷой илму адаби форсу тоҷик рӯй ба рушду нумӯъ овард. Дар натиҷа теъдоди зиёди адибон, файласуфон ва олимону фарҳангшиносон аз чунин муҳити муқтадир сабзида ба майдон баромаданд. Муҳаммад Ғиёсиддин аз ҳамин қабил симои бузурги улуми забоншиносиву адабиётшиносии форсу тоҷики охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар Ҳиндустон ба шумор меравад. Соли таваллуди ӯ 1791 буда, таърихи вафоташ номаълум аст. Аз фаъолияти фарҳангнигории Муҳаммад Ғиёсиддин падидаи муҳими илмӣ фарҳанги “Ғиёс-ул-луғот” буда, дар байни мардуми шарқ шӯҳрати беандоза пайдо намуд. Таъкид ҷоиз аст, ки Муҳаммад Ғиёсиддинро ҳамчун арӯзшиноси варзидаи даври худ бояд шуморид. Зеро ӯ тавасстути рисолаи ба илми арӯз бахшидаи хеш “Меъроҷ-ул-арӯз” (“Дараҷоти арӯз”) дар рушди илми арӯзи мумтози форсу тоҷик саҳми муҳиме гузоштааст.

Рисолаи “Меъроҷ-ул-арӯз” дар асл ҳамон боби “Арӯз”-и фарҳанги “Ғиёс-ул-луғот” буда, муаллиф дар охири шарҳи истилоҳоти арӯзӣ ишора менамояд, ки он як боби фарҳанги мазкур набуда, балки рисолаи алоҳидаест. Ин рисола, аз сабабе ки дар ҷилди якуми “Ғиёс-ул-луғот” омадааст, маълум мегардад, ки соли 1827 таълиф шудааст.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДҲО

Муҳаммад Ғиёсиддин дар рисолаи худ ба масъалаҳои пайдоиши илми арӯз, хусусиятҳои назарӣ ва амалии он дар шеъри форсу тоҷик диққат дода, аз нуқтаи назари илми арӯзшиносии замонаш ҷиҳатҳои муҳими ин соҳаи адабиётшиносиро ҳаллуфасл намудааст. Хусусан, таълимоти ӯ бобати масъалаи рукн муҳим аст. Дар мақолаи мазкур хостем арзиши таҳқиқоти ӯро оиди ҳамин масъалаи илми арӯз баррасӣ намоем. Барои мушоҳидаву мулоҳизот ва баҳсу хулосаҳо бобати мавзӯи мазкур зарурияти якчанд манбаъ ва адабиётҳои илмӣ ба амал меояд. “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Меъёр-ул-ашъор”-и Насируддини Тӯсӣ, “Рисолаи арӯз”-и Абдураҳмони Ҷомӣ, “Арӯзи Сайфӣ”-и Сайфии Бухороӣ, “Меъроҷ-ул-арӯз”-и Муҳаммад Ғиёсиддин ба сифати манбаъ ва сарчашмаҳои муҳими тадқиқоти мазкур интихоб гардид, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳои назарии арӯз, аз ҷумла, рукнҳо зарур аст. Барои далел ва асоснок намудани таҳлилҳо оиди рукн ва хусусиятҳои он ба адабиётҳои илмии зерин: “Арӯзи тоҷикӣ”-и Баҳром Сирус, “Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам”-и Урватулло Тоиров, “Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ”-и Субҳон Давронов муроҷиат намудем.

Барои муайян намудани хизматҳои Муҳаммад Ғиёсиддин дар роҳи талқину таълими рукн бо асарҳои арӯзшиносони давраи қадими форсу тоҷик муқоисаҳо ба амал омад. Тавассути корбурди методи муқоиса ақидаҳои гуногуни арӯзшиносони гузашта бо афкори Муҳаммад Ғиёсиддин муқоиса гардид. Дар мақола методҳои мубоҳиса ва мушоҳида низ мавриди тадбиқ қарор дорад.

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Муҳаммад Ғиёсиддин дар “Меъроҷ-ул-арӯз”-и худ мисли дигар муаллифони рисолаҳои арӯзии форсу тоҷик ба масъалаи рукн ҷиддан таваққуф кардааст. Махсусан, дар “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ, “Меъёр-ул-ашъор”-и Насируддини Тӯсӣ, “Рисолаи арӯз”-и Абдураҳмони Ҷомӣ низ ҳамин усулро дида метавонем. Пеш аз он ки вижагиҳои таҳқиқоти Муҳаммад Ғиёсиддинро бобати масъалаи рукн аз назар гузаронем, зарур донистем, ки таърифи ин истилоҳи арӯзиро зикр намоем.

**Рукн** (ар. رکن– сутун, поя) дар илми арӯз қолаби муайянест, ки аз унсурҳои ибтидоии вазн, яъне аз тағйири ҷои сабаб, ватад ва фосилаҳо пайдо гардида, ҳангоми тақтеъи шеър ва чен кардани он истифода мешавад. Дар истилоҳи илми арӯз рукнро гоҳо “аркон” ва “афоилу тафоил” ҳам мегӯянд. Мувофиқи ахбороти Шамси Қайси Розӣ ба ғайри ин ду истилоҳи номбурда истилоҳи дигар низ мавҷуд аст ва онро аз забони арӯзшиноси араб Халил ибни Аҳмад ин тавр меорад: “Ва арӯзиён он аҷзоро афоили арӯз хонанд ва Халил, ки возеъи (асосгузори) ин фан ва мустахриҷи ин мизон аст, онро “фавосили солима” хондааст, яъне аҷзои солим аз тағйироте, ки дар авзони арӯз афтад, чунон ки баъд аз ин баён кунем” [7.46]. Дар арӯзшиносии асри XV ба ғайр аз “рукн” истилоҳи “аркон” [4.11] (Сайфӣ) ва гоҳо “афоилу тафоил”-ро [1.162] (Ҷомӣ) низ истифода кардаанд. Сайфии Бухороӣ ҳамаи он истилоҳоте, ки то замони худ аз ҷониби арӯзшиносони арабу аҷам бобати ифодаи истилоҳи

рукн ба назар мерасидааст, ҷамъ намуда, ин тавр навишта буд: “Ва ин арконро, ки ба ҳасби сурат ҳаштанд ва ба ҳасби эътибор даҳ, афоилу тафоил ва мафоилу афоил ва мислу амсол ва аҷзову аркон ва мавозину авзони арӯзӣ мехонанд” [4.13]. Ба фикрамон, ин ахбороти Сайфӣ як навъ ҷамъбасти бо чандин роҳ ифода ёфтани тарзи номбурди истилоҳи рукн то арӯзшиносии асри XV мебошад. Ин шарҳи арӯзшинос барои омӯзандагони илми арӯз дарси муҳиме мебошад, ки ҳангоми ифодаҳои гуногуни истилоҳи рукн ба душворфаҳмӣ ва ё ғалатҳо роҳ намедиҳанд.

Дар арӯзшиносии асрҳои XVI-XIX низ масъалаи рукн аз масъалаи муҳими омӯзиши фани арӯз маҳсуб гардида, ҳар кадом муҳаққиқ нуқтаи назари хешро мувофиқи салоҳдиди назариаш баён намудааст. Аз ҷумла, дар корбурди истилоҳи “рукн” Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, муаллифи “Мунтахаб-ул-арӯз”, Муҳаммад Ғиёсиддин диққати махсус дода, ҳангоми таҳлилу тадқиқи назарии он мавридан бо истилоҳҳои “аркон”, “рукн” (Хоҷа Ҳасани Нисорӣ), “афоил”, “рукн” (Муҳаммад Ғиёсиддин) ном бурдаанд.

Муҳаммад Ғиёсиддин дар “Меъроҷ-ул-арӯз” бобати мавзӯи рукн нисбатан усули содда ва мӯъҷазбаёниро ба кор бурдааст. Ӯ гарчи мухтасарбаён бошад ҳам, ягон масъалаи муҳими назариро доир ба рукн сарфи назар накардааст. Яъне, ӯ миқдор, таркиб ва хусусиятҳои аслию фаръии ин воҳиди муҳими арӯзро мавриди тадқиқ қарор додааст. Ӯ нахуст ба шумораи рукнҳои аслии арӯзӣ диққат додааст: “Бидон ки афоъили арӯз, ки даҳ аст, баъзе хамосӣ ва баъзе сабоъӣ, лекин хамосӣ аз онҳо ду бошад: фаъӯлун ва фоъилун. Ҳар яке мураккаб аз ватади маҷмӯъ ва сабаби хафиф” [5.90]. Арӯзшинос рукнро бо истилоҳи “афоъил” зикр намуда, шумораи онро даҳто нишон медиҳад. Дар масъалаи шумораи рукнҳои аслии арӯзӣ байни устодони ин фан бештар ду нуқтаи назар ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, Шамси Қайси Розӣ 10-то, Насируддини Тӯсӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ 8-то нишон додаанд. Гуногунфикриро бобати миқдори аркони арӯзӣ устоди ин фан Шамси Қайси Розӣ чунин тавзеҳ додааст: “Ва Халил (Халил ибни Аҳмад – Мирзоев Х.) ба ҳукми он ки дар таъдиди фавосили солима авзон кардааст, аз баҳри он ки лафзи фои-ло-тун *(– V – –)* ва мус-тафъи-лун *(– – V –)* дар авзон мухталиф нашавад. Ва ман чун афоил таркибе бармешуморам, фавосили солимаро даҳ меорам, аз баҳри он ки агар чи авзон ҳашт аст, афоили мухталифтаркиб даҳ аст” [7.46]. Сайфӣ низ ҷумлаи охирини Шамси Қайси Розиро тақвият бахшида, аркони арӯзиро “ба ҳасби сурат ҳаштанд ва ба ҳасби эътибор даҳ” [4.13] мегӯяд.

Аз баҳси арӯзшиносони мумтоз маълум мегардад, ки Муҳаммад Ғиёсиддин рукнҳои фои-ло-тун *(– V – –)* ва мус-тафъи-лун *(– – V –)*-ро, ки аз ҷиҳати вазн аз рукнҳои ҳамном фарқ надоранд, аммо аз ҷиҳати таркиб тафовут доранд, ба эътибор гирифта, мисли Шамси Қайси Розӣ миқдори онҳоро даҳто шумоୁридааст. Арӯзшинос пас аз таъкиди миқдори рукнҳо ба таркиби онҳо эътибор медиҳад ва онҳоро аз ин ҷиҳат ба ду гурӯҳ: хамосӣ (панҷгона) ва сабоъӣ (ҳафтгона) тақсим мекунад. Ин навъи тақсимот то Муҳаммад Ғиёсиддин дар асарҳои бештарини арӯзшиносони гузашта ба назар мерасад. Шамси Қайси Розӣ “дар усули афоили арӯз ҳеҷ ҷузв камтар аз хумосӣ (панҷтоӣ) нест” ва “дар усули авзони арӯз ҳеҷ ҷузв зиёдат аз субоъӣ нест” [7.47] гӯён ҳадди миқдори таркиби рукнҳоро аз панҷ кам ва аз ҳафт зиёд намешуморад. Насируддини Тӯсӣ бошад, рукни таркибан дарозу мураккабро ногувор таъкид намуда, аз ин сабаб рукни аз ҳафт ҷузв зиёдаро дар шеър мустаъмал намешуморад ва “Пас усул (аркони арӯзиро дар назар дорад – Мирзоев Х.) ё хумосӣ (панҷгона) бувад ё субоъӣ (ҳафтгона)” [3.27] гӯён фикрҳои Шамси Қайси Розиро қувват медиҳад. Сайфӣ ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ низ дар асарҳои худ ҷонибдори ақидаи гузаштагонанд.

Муҳаммад Ғиёсиддин пас аз ба гурӯҳҳо ҷудо намудани рукнҳо оиди таркиби онҳо маълумоти назарӣ меорад. Ба фикри ӯ рукнҳои фаъӯлун ва фоъилун аз аркони ҷузвҳояшон панҷгонаанд ва ҳар кадоми онҳо аз ватади маҷмӯъ ва сабаби хафиф таркиб ёфтаанд. Арӯзшинос ба гурӯҳи дувум – сабоъӣ диққат дода, таркиби онҳоро ин тавр шарҳ додааст: “Ва сабоъӣ ҳашт аст: мафоъӣлун, фоъилотун, мустафъилун. Ҳар яке аз ин се мураккаб аст аз як ватади маҷмӯъ ва сабаби хафиф. Чаҳорум мутафоъилун, панҷум мафоъилатун. Ҳар яке аз ин мураккаб аст аз як ватади маҷмӯъ ва як фосилаи суғро. Шашум мустафъилун, ҳафтум фоъилотун, ҳаштум мафъӯлоту (ба замми то). Ва ҳар як аз ин мураккаб аст аз ду сабаби хафиф ва як ватади мафруқ” [5.90]. Аз маълумоти болоӣ ба мушоҳида мерасад, ки муаллиф

таркиби он ҳашт рукни сабоъиро хеле содда ва мӯъҷаз тасниф кардааст. Муҳиммияти таснифоти ӯ дар он аст, ки ин рукнҳо аз ҷиҳати фарогирии ҷузвҳои таркиби худ бо ҳамдигар наздиканд ё якранганд. Чунончи, ӯ таркиби се рукни аввал: мафоъӣлун, фоъилотун, мустафъилунро иборат “аз як ватади маҷмӯъ ва сабаби хафиф”, рукнҳои мутафоъилун ва мафоъилатунро иборат “аз як ватади маҷмӯъ ва як фосилаи суғро” ва рукнҳои мустафъилун, фоъилотун, мафъӯлотуро иборат “аз ду сабаби хафиф ва як ватади мафруқ” медонад.

Маълум аст, ки рукнҳо вобаста ба миқдор ва ҷояшон дар байт номҳои гуногун доранд. Агар дар як байт ҳашт рукн (хоҳ рукни солим, хоҳ рукни ғайрисолим) омада бошад, мусамман; шаш рукн омада бошад, мусаддас; чор рукн омада бошад, мураббаъ; ду рукн омада бошад, мусанно меноманд. Барои мисол матлаъи ғазали машҳури Хоҷа Ҳофизро аз назар гузаронидан мувофиқи мақсад аст:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро[8.43].
мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣлун / мафоӣлун
*V – – – / V – – – / V – – – / V – – –*

Аз тақтеъи мазкур равшан гардид, ки рукни мафоӣлун дар байти боло ҳашт маротиба такрор омад ва он мусамман аст, яъне Ҳазаҷи мусаммани солим аст.

Муҳаммад Ғиёсиддин дар фасли алоҳидаи “Меъроҷ-ул-арӯз” барои ба навомӯзони арӯз равшан гардидани масъалаи мазкур ба он таваққуф намуда, дар байт перомуни вазъи миқдори рукнҳо ва номҳояшон сухан рондааст: “Атамми аҷзоъи байт ҳашт рукн аст бар сабили касрат ва онро мусамман гӯянд. Ва илло баъзе шуаро баъзе буҳурро бар шонздаҳ рукн бино кардаанд ва баъзе бар сию ду” [5.92]. Арӯзшинос таъкид кардааст, ки комилтарин рукни таркиби байт ҳашт маротиба такрор омадани он аст ва онро мусамман номидаанд. Мувофиқи ақидаи Муҳаммад Ғиёсиддин дар баъзе шоирон миқдори рукнҳои баъзе баҳрҳо то 16 ва дар баъзеи дигар то 32 расидааст. Арӯзшинос гарчи ин ҷо дар кадом баҳр омадани рукнҳои шонздаҳгона ва сиюдугонаро номбар накарда бошад ҳам, ҳангоми тадқиқи баҳр ва вазнҳои онҳо исботи суханони болоии хешро меорад. Аз ҷумла, дар баҳрҳои Мутақориби асрам, Мутадорики махбун, Мутадорики мақтӯъ аз ашъори шоирон мисолҳо оварда тақтеъ намудааст ва ба исбот расонидааст, ки онҳо аз 16 рукн иборатанд.

Муҳаммад Ғиёсиддин пас аз маълумотҳои боло ба рукнҳои мусаддас, мураббаъ, мусаллас ва мусанно маълумот оварда, миқдори ин рукнҳоро нишон додааст. Муҳиммияти таҳқиқоти арӯзшинос оиди ин масъалаи рукн дар он аст, ки ӯ бештар ба дараҷаи истеъмоли ҳар кадоми ин рукнҳои номбурдааш эътибор додааст. Чунончи, нуқтаи назари ӯ чунин аст: “Магар шуарои Аҷам бештар истеъмоли мусамман ва мусаддас кардаанд ва истеъмоли мураббаъ ниҳоят қалил. Ва мусаллас ва мусанно дар форсӣ ҳаргиз наёмада, магар дар арабӣ” [5.92]. Арӯзшинос таъкид мекунад, ки шоирони Аҷам бештар дар шаклҳои мусамман (8 маротиба) ва мусаддас (6 маротиба) шеър гуфтаанд, дар ашъори онҳо шакли мураббаъ (4 маротиба) хеле кам ба назар мерасад. Ба фикри Муҳаммад Ғиёсиддин дар амалияи назми форсу тоҷик шаклҳои мусаллас (3 маротиба) ва мусанно (2 маротиба) ҳаргиз истеъмол нашудааст, гарчи дар назми араб истеъмол шудааст. Бобати масъалаи мазкур назариётчиёни мумтоз бештар хомӯш монда бошанд ҳам, муҳаққиқони соҳаи илми арӯзи муосир, аз ҷумла, Урватулло Тоиров дар тадқиқотҳои хеш оиди шаклҳои мусаллас ва мусанно фикрҳои ҷолиби худро баён намудаанд. Чунончи, дар хусуси дараҷаи корбурди шакли мусаллас маълумоти ин олим чунин аст: “Дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ шоире дар шакли мусаллас шеър нагуфтааст. Дар ашъори арабӣ мусаллас дучор меояд” [6.263]. Аз ин фикрҳои олим маълум мегардад, ки ӯ бобати дараҷаи истеъмоли мусаллас ҷонибдори Муҳаммад Ғиёсиддин аст. Аммо дар масъалаи истифодаи шакли мусанно дар шеъри тоҷик ӯ ҳамфикри арӯзшинос нест. Муҳаққиқ дар қисмати тавзеҳоти рисолаи “Меъроҷ-ул-арӯз” фикри болоии Муҳаммад Ғиёсиддинро оварда, ба он муносибати хешро чунин баён мекунад: “...аммо дар ашъори шоирони имрӯзаи тоҷик ва назми шифоҳӣ шеърҳое ҳастанд, ки дар шакли мусаннои баҳрҳои гуногун эҷод шудаанд” [5.124]. Муҳаққиқ барои исботи фикрҳои болоӣ ду порчаи шеърӣ аз эҷодиёти даҳонакии халқ ва шоирони муосир оварда, вазнҳои онҳоро муайян мекунад.

Дар мавриди дигар низ ақидаҳои У.Тоиров оиди ҳамин баҳс қобили диққат аст, ки ӯ баён кардааст: “Шакли мусанно нисбат ба мураббаъю мусаддасу мусамман камистеъмол буда, фақат дар баҳрҳое истифода мешавад, ки рукни махсус доранд. Шеърҳое, ки мисраъҳои онҳо якрукнаанд, бештар ба адабиёти бачагона хос мебошанд” [6.264]. Адабиётшинос низ инҷо ду намунаи шеъри мансуби назми бачагонаро барои далели фикри худ овардааст. Муҳиммияти тадқиқоти У.Тоиров бобати истифодаи шакли мусаннои рукн дар он аст, ки ӯ тавассути мисолҳои шеърии дарёфтааш дар кадом вазн ва баҳр эҳтимолияти омадани шакли мусанноро собит намудааст. Аз тарафи дигар шакли мусанно хоси назми фолклорӣ ва адабиёти бачагона буданашро ба исбот расонидааст.

Эҳтимол, пас аз далелҳо ва муносибатҳои болоии У.Тоиров ба ақидаи Муҳаммад Ғиёсиддин бобати истеъмоли рукни мусанно аз ҷониби омӯзандагони илми арӯз нигоҳи шубҳаомезе пайдо шавад. Аммо ба фикрамон, ақидаи Муҳаммад Ғиёсиддин оиди истифода нагардидани шакли мусанно дар шеъри форсу тоҷик аз ду ҷиҳат асоси илмиву амалӣ дорад. Якум, он ки Муҳаммад Ғиёсиддин дар назарияи арӯз ва дар амалияи шеъри форсу тоҷики то замони худаш (асрҳои XVIII-XIX) ин масъаларо ҳамчун муҳаққиқи илми арӯз амиқан санҷидааст. Дуюм, он ки ҳамаи шеърҳои мисол овардаи У.Тоиров хоси назми фолклорӣ ё назми бачагонаи садаи XX аст. Пас, ин ҳодисаи назарӣ ва амалии арӯзи муосир аст, на мумтоз аст.

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, Муҳаммад Ғиёсиддин ҳамчун устоди илми арӯз шаклҳои серистеъмол, камистеъмол ва аз истеъмол холӣ будаи рукнҳои шеъри форсу тоҷикро муайян карда, барои омӯзандагони ҳам илми арӯз ва ҳам муҳаққиқони поэтикаи шеъри мумтоз дастури муҳими илмиву таълимӣ бар пас гузоштааст.

Арӯзшинос бар замми ин гуна маълумотҳо хоси кадом баҳрҳо будани шаклҳои серистеъмоли рукнро нишон додааст. Арӯзшинос дар поэтикаи мумтоз мушоҳида намудааст, ки рукни баҳрҳои Сареъ ва Хафиф танҳо дар шаклҳои мусаддас меоянд, дар ин баҳрҳо шакли мусамман дида намешавад.

Муҳаммад Ғиёсиддин дар фаслҳои дигари “Меъроҷ-ул-арӯз” мухтасаран оиди рукнҳои солим ва музоҳаф (ғайрисолим), қоидаи тақтеъи рукн, номҳои рукн аз рӯи ҷойгиршавиашон дар байт (садр, арӯз, ибтидои матлаъ, зарб ва аҷз, ҳашв) ва амсоли ин гуна воҳидҳои хурди арӯзӣ маълумотҳои муҳими илмиву таълимӣ овардааст, ки барои омӯзандагони илми арӯз ва мураттибони китобҳои таълимии фани арӯз хеле муфид мебошад.

### АДАБИЁТ

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Рисолаи арӯз. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.8. – Душанбе: Адиб, 1990. – С. 151-204.
2. Муҳаммад Ғиёсиддин. “Ғиёс-ул-луғот”. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди 2. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.
3. Насируддини Тӯсӣ. “Меъёр-ул-ашъор” / Ҳозиркунандаҳои чоп У.Тоиров, М.Абдуллоев, Р.Ҷалол. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 150 с.
4. Сайфӣ. “Арӯзи Сайфӣ”. Ба нашр тайёркунанда Ҳ.Блошман. – Калькутта, 1872. – 56 с.
5. Се рисолаи арӯз: “Арӯзи Ҳамидӣ”, “Арӯзи Нисорӣ”, “Меъроҷ-ул-арӯз”. Муаллифони сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандагони чоп Урватуллои Тоир ва дигарон. – Душанбе, 2014. – 130 с.
6. Тоиров Урватулло. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. – Душанбе: Маориф, 1991. – 560 с.
7. Шамси Қайси Розӣ. “Ал-мӯъҷам” / Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
8. Ҳофизи Шерозӣ. Девон. Ахтарони адаб, ҷилди 29. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.